BRIDGING THE GAPS Health and rights for key populations

AFEW Tajikistan СФШF Тоҷикистон

# «Ман боз Офтобро мебинам!»

Қиссаи Тахмина яке аз қиссаҳои мусбии занони Тоҷикистон мебошад, ки дар натиҷаи дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии лоиҳаи "Коҳиши норасоӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ - 2.0." тавонистанд умеди худро пайдо кунанд ва дар ҳаёти худ нақшаҳои тағйироти мусбиро ҷорӣ созанд.


Дар акс: Тахмина, иштирокчии лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ - 2.0». Мавзеъ: Маркази дастгирии СФШF-Тоҷикистон. Қӯрғон-теппа, октябри соли 2017. Муаллифи акс; СФШF-Тоҷикистон

*«Вақте, ки дар синфи 4 будам, ҳамчун аксар оилаҳои тоҷик дар деҳот, волидайни ман аллакай панҷ фарзанд доштанд. Аз сабаби таваллуд кардани зиёд ва нигоҳубини панҷ кӯдаки хурд, модарам бемор шуда, бистарӣ шуд. Ман маҷбур шудам, ки мактабро тарк кунам ва тамоми бори гарони рӯзғорро ба худ гирам»* – нақли қиссаи худро шурӯъ намуд Тахмина.

Тахмина тамоми кори рӯзғорро иҷро мекард, бародарону хоҳарони худро ба мактаб гусел карда, аз мактаб пешвоз мегирифт. Модараш аксар вақт дар беморхонаҳо мехобид. Падараш тамоми рӯз кор мекард ва шабона дер ба хона меомад.

Дар яке аз чунин рӯзҳо, вақте ки падари Тахмина дар кор буду модараш дар беморхона буд, ба хонаи онҳо амакаш, бародари падараш, омад. Амакаш Тахминаи хурдакакро ба кӯча ҷеғ зада, ба номуси ӯ таҷовуз кард. Тахминаи беҳолу беҳушро ҳамсояашон дар кӯча ёфта, ӯро ба беморхона бурд. Пас тавтишоту мурофияи дуру дароз сар шуд, падару модари Тахмина дар ҳолати пуризтироб буданд, зеро дар болои ҳамаи он ҳодиса, хешовандони падари Тахмина ба духтарча нафрат пайдо карда, дар ҳамаи ҳодисаи рӯйдода ӯро айбдор мешумориданд.

*"Ба хонаи мо мунтазам милитсионерҳо меомаданд ва саволҳои "бад"-ро мепурсиданд. Дар ёд дорам, ки маро ба суд даъват карданд ва вақте, ки ман дар он ҷо амакамро дидам, ки ӯ бо қиёфа маро таҳдид мекунад, аз тарс ман ҳушамро гум кардам"*- нақлашро давом медиҳад Тахмина.

*"Амакамро ба зиндон шинонданд. Ман дар назди хешовандони сершумори падарам бадбин шудам. Барои муҳофизати ман, падару модарам маро ба назди хешовандони модарам мефиристоданд ва ман доимо ба Душанбе ва ба дигар шаҳрҳои кишварамон сафар мекардам"*, - мегӯяд Тахмина. *"Ман бо одамони гуногун шинос шудам ва бо як гурӯҳ духтарон аз шаҳри Қӯрғонтеппа дӯстӣ пайдо кардам. Дар яке аз вохӯриҳоямон духтарон ба ман аввал сигор, сипас нашъа пешниҳод карданд. Онҳо маро бо Аъзам[1] ном одам шинос карданд, ки ӯ як фурӯшандаи калони маводи мухаддир дар шаҳри Қӯрғонтеппа буд. Дар давоми якуним сол Аъзам маро дар яке аз хонаҳои худ нигоҳ дошт ва баъзан шабона маро ба хӯрокхӯрӣ ба тарабхона мебурд, ва ӯ ба падару модари ман барои рӯзғор пул мефиристонд. Ӯ ба ман истифодаи героинро аввал ба таври тамокукашӣ ва пас ба таври тазриқӣ нишон дода маро ёд дод. Ҳамин хел ман ба героин вобастагӣ пайдо кардам"*, - нақл мекунад Тахмина. *"Баъди чанд вақт шавқи Аъзам ба ман гум шуд ва ман дар кӯча мондам. Азбаски ҳаёти ман пурра аз героин*

[1] Ном иваз карда шуд

*вобаста буд, барои харидани миқдори якрӯзаи нашъа ман ҳам дуздӣ кардаму ҳам танфурӯшӣ кардам. Дар натиҷа, манро ҳабс карданд".*

Дар соли 2013 Тахмина барои дуздӣ ба зиндон фиристода шуд. Пас аз анҷоми чоряки мӯҳлати зиндон, ӯ дар асоси авф озод гардид. Баъд аз бозгашт Тахмина боз аз ҷониби  хешовандонаш таҳдид шуд ва аз хона баромада дар кӯча монд. Пас аз машаққатҳои зиёд, Тахмина бо шиносҳои нашъамандаш вохӯрда боз ба истифодаи нашъа машғул шуд.

Як рӯз Тахмина тасодуфан Баҳриддинро дид, ки ӯ яке аз шиносҳои нашъаманди пешинаи Тахмина буд. Тахмина аз тағйирёбии Баҳриддин ба ҳайрат афтод, Бахриддин рӯҳбаланд ва зиндадил менамуд.  Баҳриддин корманди ташкилоти ҷамъиятии AFEW-Тоҷикистон буд. Ӯ дар он ҷо ба ҳайси машваратчии баробар кор мекард. Ӯ ба Тахмина доир ба таҷрибаи тағирёбии худ, инчунин бо кӯмак ва хизматрасониҳое, ки дар ташкилоти ӯ пешкаш карда мешаванд, нақл кард. Тахмина аз ин вохӯрӣ хурсанд буд ва ӯ қарор дод, ки ба Маркази дастгирӣ  меравад  ва ҳама чизро бо чашмони худаш мебинад.



Дар акс: Тахмина ва корманди иҷтимоии AFEW-Тоҷикистон, Шодӣ Ҳакимов бо номгӯи озуқаворӣ қуттии иҷтимоӣ шинос шуда истодаанд. Қӯрғонтеппа, сентябри соли 2017. Муаллифи акс: СФШҒ-Тоҷикистон.

Дар рӯзи аввали ташриф ба Маркази дастгирии ташкилоти AFEW-Тоҷикистон, Тахмина ҳайрон шуд, ки новобаста аз он, ки ӯ он рӯз дар тан либоси ифлос ва пойҳои кафидагии ӯро пайафзоли даридагӣ маҳкам мекард, коркунони AFEW-Тоҷикистон ӯро самимона истиқбол гирифтанд, ба ӯ чой пешниҳод карданд ва дар бораи мушкилотҳои Тахмина ва саломатии ӯ сӯҳбат карданд.

*"Ман хеле хароб будам, либосҳоям ифлос буданд, он лаҳза дар ёд надоштам, ки ман кай охирин маротиба оббозӣ карда будам"*, - он рӯзро ба хотир меорад Таҳмина.

Кормандони иҷтимоӣ ба Тахмина кӯмак карданд, ки ӯ худро ба тартиб орад,  ба хонаи волидайни худ баргардад, барои барқарор кардани ҳуҷҷатҳои ӯ ва ташриф ба духтурон бо мақсади аз муоинаи тиббӣ гузаштан ва беҳтар кардани  саломатии ӯ кӯмак расониданд.

Ҳамин тавр, аз тобистони соли 2017, Тахмина мунтазам маркази пажӯҳиширо ташриф оварда, дар гурӯҳҳои худёрирасон, ки барои нашъамандон ташкил карда шудаанд, ширкат меварзад. Дар он ҷо Тахмина доир ба асосҳои гигиенаи шахсӣ, пешгирии ВНМО ва САҶИ, табобати нашъамандӣ ва ҳаёти бошуурона маълумот гирифт. Дар яке аз вохӯриҳои гурӯҳи худёрирасон Тахмина дар бораи барномаи табобати нашъамандӣ бо таври  табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон бо метадон фаҳмид.  Фазои дӯстона, муносибати гарм, эҳтиром ва имконияти бепул гирифтани метадон Тахминаро ба тағйирёбӣ водор кард.

Моҳи августи ҳамон сол, Тахмина иштироки худро дар барномаи ТҶЁ, ки дар маркази наркологии ш. Қӯрғонтеппа ташкил карда шудааст, оғоз намуд ва ба табобат шурӯъ кард. Чанде пеш Тахмина ҳаргиз мустақилона аз хотири тарс ва набудани маблағ ба маркази наркологӣ намерафт. Аммо, акнун ҳама чиз дар гузашта. Ҳоло Тахмина метадонро қабул кара истодааст ва дар гурӯҳҳои худёриоасон иштирок мекунад, дар он ҷо ӯ дӯстони бисёреро пайдо намуд, ки  онҳо дариди ӯро мефаҳманд ва амеша омода ҳастанд, ки ба ӯ дасти ёрӣ дароз кунанд.

*"Дар давоми ним сол, бо дастгирии кормандони AFEW-Тоҷикистон, ман хеле тағйир ёфтам, ва тағйирот танҳо ба сӯи беҳтаршавӣ буд. Ман ба машваратчии баробар ва кормандони иҷтимоӣ боварӣ кардам. Ҳоло ман ба модарам кӯмак мерасонам, ки ин корро ман аз он ваҳте, ки ман аз хона баромада рафтам, накардаам. Ба ман кӯмак карданд, ки бовариамро ба худам баргардонам. Чашмам мисли пештара равшан шуд, ман офтобро боз мебинам ва ман мехоҳам зиндагӣ кунам!"*- хикояти худро бо табассум анҷом дод Тахмина.

Танҳо дар соли 2017, дар доираи лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ - 2.0», ки аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия маблағгузорӣ карда мешавад, AFEW- Тоҷикистон ба 688 занони нашъаманд ва осебпазири Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои пешгирикунанда ва иҷтимоиро пешкаш намуд.